**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Қурбонализода Фурқат дар мавзӯи «Проблемаҳои ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқот.** Дар шароити имрӯза рушди бозори хизматрасониҳои музднок ва масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон аҳаммияти бузург дорад. Аз ҳалли ин масъалаҳо проблемаҳои дигари ба онҳо алоқаманд, масалан, таъмини интизом ва ҳосилнокии меҳнат, бехатарии кору заҳмати инсон, коргар ва хизматчӣ, ҷиҳатҳои дигари иҷтимоии иқтисоди меҳнат вобастагӣ доранд.

Чи тавре, ки аз мазмуни муқаддимаи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бар меояд, дар соҳаи ҳамлу нақли бор ва мусофиркашонӣ бисёр вақт ҳуқуқвайронкуниҳо ва ихтилофоте сар мезананд, ки сабабҳои гуногун доранд ва бояд дар меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ инъикоси баробарвазни хешро пайдо намоянд. Ҳимоя шудани ҳуқуқҳои субъективии мусофиркашон ва контрагентҳои он аз бисёр ҷиҳат ба самарабахшии институти ҷавобгарии ҳуқуқи гражданӣ вобаста аст, ки ҳамин масъала аҳаммияти мавзӯи таҳқиқотии муаллифро исбот намуда, зарурати коркарди равишҳои навро оид ба ҳалли проблемаҳои ба ин институти ҳуқуқи гражданӣ алоқамандро ба миён мегузорад (саҳ. 3).

Танзими ҳуқуқии равобити нақлиётӣ барои бехатарии худи нақлиёт, инкишофи он, инчунин риояи манфиатҳои қонунии муштариёни ташкилотҳои нақлиётӣ аҳаммияти хосса дорад. Нақлиёти мусофиркашонӣ яке аз воситаҳои муҳимтарини алоқа ва навъи мунтазам рушдёбандаи нақлиёт ба ҳисоб меравад. Самаранокии дигар соҳаҳои иқтисодӣ миллӣ аз пешбарии дурусти кори ҳуқуқӣ ва инфрасохтори хизматрасониҳои судманд вобастагӣ дорад.

Дар заминаи гуфтаҳои боло метавон қайд намуд, ки танзими ҳуқуқии соҳаи мусофиркашонӣ солҳои охир мунтазам таҷдиди назар мешавад. Дар низоми меъёрҳои ҳуқуқии дахлдор ҳамон қисмаш махсус зоҳир мешавад, ки муносибатҳои ҳуқуқи гражданиро ба танзим медарорад, ки дар навбати худ онҳо ҳангоми хизматрасониҳои наклиётӣ ба вуҷуд меоянд. Ҳамчун гиреҳкушои асосӣ дар чунин муносибатҳо шартномаи ҳамлу нақл хизмат мекунад. Баамалбарории ҳуқуқ ва иҷрои уҳдадориҳои тарафҳои шартнома, муайян намудани ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон аз рӯи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзӯи таҳқиқоти мазкур ба ҳисоб меравад.

Андешаи муаллиф, ки дар Тоҷикистон то кунун модели ҳозиразамони механизми ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон вуҷуд надорад аз аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ холӣ набуда, қобили дастгирӣ аст. Ба ҷуз ин масъала, дар соҳаи мазкур аз нигоҳи қонунгузорӣ нуқсу иллатҳо мавҷуданд, ки бартараф карданашон ногузир мебошад. Ҳоло дар навбати аввал проблемаи муҳим – коркарди конструксияи ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашонро ҳал намудан лозим аст, ки арзиши илмию назарӣ ва амалии мавзӯи диссертатсияи мазкурро бозгӯ мекунад (саҳ. 6).

Мавзуи интихоб ва таҳқиқшударо бо назардошти ҳолати имрӯзаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи нақлиёт, ки асосан аз Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегиранд, дар ҳақиқат метавон мубраму саривақтӣ шуморид.

Маълум мешавад, ки ҳадафи аслииислоҳоти дар ҷумҳурӣ татбиқшаванда таҳкими минбаъдаи амнияти миллӣ, баланд бардоштани нақши институти мусофиркашонӣ ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, таъмини қонуният ва озодиҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи нақлиёт ба шумор меояд.

Мубрамияти таҳқиқоти мазкурро аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ, инчунин дар он метавон дид, ки тасвиб ва дар амал татбиқ намудани натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот ва дар таҷриба истифода намудани онҳо метавонанд, баъзе мухолифати мавҷудро бартараф намуда, норасоӣ дар қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистонро пурра созанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд,** аввалан дар он ифода меёбанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масоили ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон ба таври комплексӣ дар сатҳи таҳқиқоти диссертатсионӣ то имрӯз мавриди омӯзиши алоҳида қарор нагирифта буд.

Диссертатсияи мазкур, ки бори нахуст дар шакли таҳқиқоти диссертатсионӣ анҷом дода шудааст, дар он муаллиф барои таҳлили

комплексии ҷанбаҳои гуногуни ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин таҳияи тавсияву пешниҳодоти амалӣ оид ба такмили механизми танзими ҳуқуқии ҷавобгарии граждании мусофиркашон саҳми худро гузоштааст.

Сониян, муаллиф дар заминаи таҳқиқоти диссертатсионӣ як қатор нуқтаҳоро, ки дорои навгонии илмӣ мебошанд, барои ҳимоя пешниҳод намуда, ҷиҳати такмили қонунгузории амалкунандаи кишвар ва истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот тавсияҳои муфид пешниҳод кардааст, ки чунин арзёбӣ намудан мункин аст:

1. Дар нуқтаи якуми ба ҳимоя пешниҳодшуда муаллиф бо далелҳои илмӣ асоснок кардааст, ки ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон – ин чораи маҷбуркунии давлатӣ дар шакли татбиқи ҷазои молу мулкӣ барои вайронкории ҳуқуқи граждании мусофиркашон мебошад, ки мувофиқи принсипи баробарҳуқуқии иштирокчиёни гардиши гражданӣ, дар асоси мавҷудияти гуноҳи мусофиркашон ва ё набудани он, ба манфиати мусофир ва бо мақсади барқарор намудани ҳолати молу мулкии ӯ ситонида мешавад (саҳ. 9-10).

2. Дар доираи муқаррароти нуқтаи дуюми ба ҳимоя пешниҳодшаванда муаллиф қайд менамояд, ки шартномаи мусофиркашонӣ мусофиркашонро уҳдадор мекунад, ки чунин хизматрасоние намояд, ки тибқи он ӯ бояд барои мусофирон имконияти бастани дигар шартномаҳоро вобаста мусофиркашонӣ таъмин карда бошад. Миёни ин шартномаҳо шартномаи ҳамлу нақли бағоҷ мавқеи асосӣ дорад. Ташкили шароит барои ҳамлу нақли бағоҷ ва ҳатмӣ будани чунин шартнома ҳангоми мавҷудияти хоҳиши мусофир ба уҳдадории мусофиркашон дохил шуда, аз қонунӣ будани муқаррароти он дарак медиҳад (саҳ. 10).

3. Муаллиф дар доираи муқаррароти сеюм ба он таваҷҷуҳ менамояд, ки баррасии ҷавобгарии ҳуқуқи гражданӣ, аз нуқтаи назари имконияти татбиқи чораҳои маҷбуркунии давлатӣ, ба ҳеҷ ваҷҳ ба ҷуброни бошуурона ва ихтиёронаи зарари расондашуда ё ноустуворона дар муносибат ба истеъмолкунандагон ва контрагентҳои он таъсир намерасонад. Баръакс, "таҳдиди" татбиқи чораҳои маҷбуркунии давлатӣ эътимоди ботинии мусофиркашонро ҳангоми зарурати ҷуброни зарар дар шакли ихтиёрӣ ташаккул медиҳад (саҳ. 10).

4. Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашонро тибқи шартномаи мусофиркашонӣ яке аз навъҳои ҷавобгариҳои ҳуқуқи гражданӣ меҳисобад. Вай оқибатҳои ҳуқуқии тибқи меъёрҳои қонун ва шартномаи мусофиркашонӣ пешбинишударо ҷиҳати иҷро накардан ва ё иҷрои номатлуби боркашониро аз ҷониби

мусофиркашон, ки қонун ва шартномаи мусофиркашонӣ муқаррар кардаанд, ба вуҷуд меорад, ки ин оқибатҳо бо вайрон кардани ҳуқуқҳои субъективии граждании мусофир бастагӣ доранд. Ҷавобгарӣ дар ин маврид ба уҳдаи мусофиркашон вогузор мешавад, ки уҳдадориҳои худро нисбат ба манфиатҳои мусофир тибқи қонун ва шартнома вайрон кардааст ва ин амали ӯ чораҳои таъсиррасонии барояш манфӣ, аз ҷиҳати иқтисодӣ зарарнок ва дорои хислати молумулкӣ – ҷуброни зарар ба мусофирро ба бор овардааст (саҳ. 10).

5. Муаллиф қайд менамояд, ки ба маҳдуд кардан ё бартараф кардани ҷавобгарӣ роҳ дода намешавад, аммо имконияти бо маслиҳати тарафҳо, ҷавобгарии мусофир метавонад махдуд ва баръакс, ҷавобгарии мусофиркашон пурзӯр карда шавад. Ин хулоса аз моддаи 116-уми КФҲ Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки дар он зикр шуда, ки мусофиркашон ҳуқуқ дорад, ки бо мусофирон шартнома баста, ҳудуди ҷавобгарии худашонро оид ба ҳаҷму андозаи ҷавобгариҳо дар муқоиса бо андозаҳое, ки қонун муқаррар кардааст, мушаххас намоянд. Қонунгузор чунин имкониятро ба тарафҳо ҳангоми бастани шартномаи мусофиркашонӣ тавассути ширкатҳои ҳавоӣ пешниҳод кардааст (саҳ. 10-11).

6. Муаллиф пешниҳод менамояд, ки меъёрҳои КФҲ Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарии мусофиркашон аз рӯи шартномаи мусофиркашонӣ тавассути ширкатҳои ҳавоӣ ҳарчанд ба замона мувофиқсозӣ (модернизатсия) шуда бошанд ҳам, бо вуҷуд, ба таври комил ба шароити иҷтимоӣ ва иқтисодии имрӯза ҷавобгӯ нестанд (саҳ. 11). Аз ҷумла:

– дар ҳолати иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо аз ҷониби мусофиркашон, мусофир тибқи шартномаи мусофиркашонӣ ҳуқуқи талаб кардани ҷуброни зарари расонидашуда ва ҷуброни зарари маънавиро низ дорад;

– мусофиркашон барои сари вақт пешкаш накардани нақлиёт танҳо дар он ҳолате аз ҷавобгарӣ озод мегардад, ки сабабаш ногаҳон шикастани ягон ҷузви нақлиёт ё носозу вайрон будани воситаи нақлиёт бошад;

– уҳдадории мусофиркашон вобаста ба ҷуброни зарар ва ҷуброни зиёни маънавӣ – ин воситаи таҳкими ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ҳам худи мусофирони ҷабрдида ва ҳам аъзои оилаи онҳост.

7. Муаллиф қайд менамояд, ки дар доираи маводи мавриди баррасӣ қарордошта ва дар натиҷаи коркарди адабиёти илмии соҳа чунин меъёрҳо ва равияҳои зарурии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон ҷиҳати расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии мусофирон муайян карда шуданд (саҳ. 11):

– ҳангоми муайян намудани ҳаҷму андозаи зарари маънавӣ муаллиф пешниҳод менамояд, ки азияту машаққатҳои ҷисмонӣ аз азобҳои равонӣ (психикӣ) фарқ карда шавад. Барои зарари ҷисмонӣ ва азият метавон дигар меъёрҳои қонунро истифода кард, аз ҷумла ба ҷуброни зарари маънавӣ;

– муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар муносибат ба истифодабарандагони хизматрасонӣ ё шаҳрвандон (мусофирон) ва контрагентҳои онҳо ҳатмӣ нест, ки зарари расондашуда (ё зиёни маънавӣ) характери тӯлонӣ ё азияти рӯҳонии зиёд дошта бошад, басанда аст, ки ҳаяҷон ё харобии асаб бошад;

– муаллиф қайд менамояд, ки ҷавобгарии мусофиркашонро ҷиҳати расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии мусофир КГ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мекунад. Чунин ҷавобгарӣ тибқи қоидаҳои боби 55-и Кодекси мазкур оид ба ҷавобгарии деликтӣ муқаррар карда мешавад, агар тибқи қонун ё шартномаи мусофиркашонӣ ҷавобгарии афзункардашудаи мусофиркашон пешбинӣ нашуда бошад.

Муаллиф аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомшуда ҷиҳати такмили КГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани тағйиру иловаҳои зеринро мувофиқи мақсад медонад (саҳ. 12):

Муаллиф пешниҳод менамояд, ки моддаи 806 «Шартномаи мусофиркашонӣ»-ро бо қисмҳои 3 – 6 дар таҳрири зерин такмил намудан лозим аст:

«3. Шакли чипта ва расиди бағоҷ мувофиқи тартибе, ки кодексҳои нақлиётӣ ва оинномаҳо пешбинӣ шудаанд, муқаррар карда мешаванд.

4. Мусофир ба имтиёзҳое ҳуқуқ дорад, ки кодексҳои нақлиётӣ ва оинномаҳо пешбинӣ намудаанд.

5. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мусофиркашон ё шахси ваколатдори он ҳуқуқ дорад, ки бастани шартномаро рад кунад, агар мусофир ба рӯйхати ашхосе дохил шуда бошад, ки тибқи он рӯйхат кашонидани чунин мусофирон тавассути ҳавопаймо маҳдуд мебошад.

6. Рӯйхати ашхосе, ки ҳамлу нақли онҳо барои мусофиркашон маҳдуд аст, бо тартиби муқарраршуда нашр карда мешавад».

Инчунин, муаллиф пешниҳод менамояд, ки моддаи 809 «Ҳамлу нақл тавассути нақлиёти истифодаи умум» бо қисмҳои 2 – 3 дар таҳрири зерин мукаммал карда шавад:

«2. Номгӯи ташкилотҳое, ки ба мусофиркашонӣ тавассути нақлиёти умум ухдадоранд, бо тартиби муқарраршуда нашр карда мешавад.

3. Шартномаи мусофиркашонӣ бо нақлиёти истифодаи умум шартномаи оммавӣ (умумӣ) маҳсуб мешавад (моддаи 488-и Кодекси мазкур)».

**Асоснок ва муътамад будани хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд,** пеш аз ҳама, тавассути таҳлили ақидаҳои илмии олимони намоёни соҳаҳои ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи нақлиётӣ, нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодгардида, мафҳумҳои илмӣ, мушкилоти гуногуни қонунгузорӣ оид ба мавзӯи таҳқиқот, мавриди таҳлили танқидӣ қарор додани ақидаҳои илмии ҷойдошта, вобаста ба масъалаҳои баҳснок муайян намудани мавқеи мустақили хеш, ки дар заминаи истифодаи номгӯи адабиёти гуногуни илмӣ ва амалӣ ба даст омадаанд, тасдиқ кардан мумкин аст. Дар баробари ин гуфтаҳо инчунин интишороти муаллиф ва манзур намудани қисме аз пешниҳоду нуктаҳои дахлдори онҳо, ки дар натиҷаи таҳқиқу таҳлили ҳамаҷониба ба даст омадаанд, ба мақоми олии қонунгузор (ҷиҳати такмили қонунгузории амалкунандаи соҳа) аз асоснок ва мавриди эътибор донистани онҳо шаҳодат медиҳанд. Зиёда аз ин, асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд дар он зоҳир меёбад, ки онҳо аз ҷониби муаллиф зимни баромад бо маърӯзаҳои илмӣ дар конфронс ва дигар нишастҳои илмӣ, инҷунин тавассути нашри онҳо дар мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои гуногуни тақризшаванда ба тасвиб расидаанд.

**Аҳаммияти илмию амалии натиҷаҳои диссертатсия дар он ифода меёбад, ки чун қоида** мақсади асосии мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор додани ҳар як мавзӯи муайян, пеш аз ҳама, муайян кардани паҳлуҳои норавшан ва мушкилоти гуногуни масоили таҳқиқшаванда, ки сари роҳи рушди он гардидаанд ва дар ин замина, илман коркард ва манзур намудани роҳу усулҳои ҳалли мусбӣ ва самараноки мушкилоти ошкоргардида иборат мебошад. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур, ки дар заминаи сарчашмаҳои гуногуни илмӣ ва амалии соҳаҳои ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи нақлиётӣ омода ва ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, ҳамчун асари мустақили илмӣ аҳамияти назариявӣ, амалӣ ва қонунгузорӣ дорад. Хусусан, натиҷаҳои илмии дар ҷараёни таҳқиқоти мазкур ҳосилгардидаро ҳангоми навиштани корҳои гуногуни илмӣ–таҳқиқотӣ ва илмӣ-методӣ, инчунин ҳангоми тадриси курсҳои омӯзишии «Ҳуқуқи гражданӣ», «Ҳуқуқи нақлиёт», инчунин курсҳо ва семинарҳои ихтисосии ҳуқуқи гражданӣ дар факултаҳои ҳуқуқшиносии муассисаҳои олии таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намудан мумкин аст.

Дар фаъолияти амалӣ бошад, натиҷаҳои илмии бадастомадаро зимни такмили қонунгузории гражданӣ ва нақлиётӣ вобаста ба танзими шартномаи

мусофиркашонӣ, аз ҷумла танзими шартномавии ҳамлу нақл тавассути нақлиёти истифодаи умум, инчунин дар таҷрибаи фаъолияти мақомоти судӣ низ ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои мушаххас истифода бурдан мумкин аст.

**Чоп намудани таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ**. Чи тавре, ки аз мазмуни диссертатсия (саҳ. 13) ва дастнависи автореферати он (саҳ. 10) бармеояд, муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот вобаста ба ҷанбаҳои гуногуни масоил ва мушкилоти мавзӯи диссертатсия 9 мақолаи илмӣ ба чоп расонидааст, ки аз ин шумора 6 адади он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

**Ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани тартиб ва танзими диссертатсия.**

Муаллиф мавзӯи таҳқиқоти диссертатсиониро чун қоида вобаста ба мақсад ва вазифаҳои дар таҳқиқот муайянгардида, ки мазмун ва моҳияти корро инъикос менамоянд, мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Дар маҷмӯъ таҳлил ва баррасии диссертатсияи мазкур муайян менамояд, ки сохтор ва мазмуни таҳқиқоти диссертатсионии Қурбонализода Фурқат ба талаботи бандҳои 10-12, 14, 16-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ гардидааст ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Эродҳо ба мазмун ва шакли диссертатсия.** Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар баробари муваффақиятҳо, инчунин баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки барои шарҳу тавзеҳи онҳо муаллифро мебояд, дар рафти ҳимояи ошкоро таваҷҷуҳ зоҳир намояд. Ба монанди:

1. Пешниҳодоти муаллиф вобаста ба илова намудани қисмҳои 3 – 6 дар моддаи 806 КГ ва қисмҳои 2 – 3 дар моддаи 809 КГ баҳсталаб буда, асосноккунии иловагиро талаб менамоянд (саҳ. 12).

2. Нуқтаи чоруми ба ҳимоя пешниҳодшавандаи муаллиф (саҳ.10) ба талаботи навгонӣ мувофиқ намебошад. Зеро пешниҳоди мазкур хислати умумӣ дошта дар он навгонии илмӣ дида намешавад. Ин масъала дар назарияи ҳуқуқ умумиэътирофгардида мебошад.

3. Баъзе истилоҳотро муаллиф ба таври дигар истифода менамояд, ҳоло он ки чунин калима бо ибораҳои дигар дар сатҳи қонунгузорӣ истифода мешаванд (Масалан муаллифро лозим буд ба ҷои ибораи гардиши граждани̅ (саҳ.9) ибораи муомилоти гражданиро истифода мебурд).

4. Дар саҳифаи 136-и диссертатсия муаллиф иқтибос аз моддаи 1104-и Кодекси граждани̅ гирифта ҳуқуқи гирифтани ҷуброни зарарро ба шахси фавтида вобастабуда пешбини̅ менамояд. Аммо дар асл чунин ҳуқуқро аз рӯи меъёри мазкур ашхоси ғайриқобили меҳнати таҳти таъмини шахси фавтида қарордошта ҳуқуқ дорад.

Зимнан, бояд дар назар дошт, ки камбудиҳои номбаршуда танҳо аз ҷиҳати илмӣ баҳснок ба назар мерасанд ва чунин ҳолат ба ҳеҷ ваҷҳ баҳои умумии мусбии таҳқиқотро кам наменамоянд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Ҳамин тариқ, диссертатсияи Қурбонализода Фурқат, ба яке аз мавзӯъҳои мубрами илми ҳуқуқи граждани̅ бахшида шуда, дар он масъалаҳои ҳалталаб ва рӯзмарраи мавзӯи мазкур мавриди таҳқиқ ва омӯзиши илмӣ қарор гирифта, ҷиҳати ҳалли мусбии мушкилоти дар он муайнягардида, ки вобаста ба ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашонӣ мансубият доранд, таклифу пешниҳодоти судманди илмии назариявӣ ва амалӣ баён гардидааст. Мазмун ва муҳтавои диссертатсияи мазкур дар автореферати диссертатсия ба таври пурра ва ҳаматарафа инъикоси хешро пайдо намудааст. Таҳлил ва омӯзиши автореферат бошад, собит менамояд, ки дар он тамоми талаботи вобаста ба омода намудани автореферат, инъикос карда шуда, пурра ба диссертатсия мувофиқат менамояд.

Таҳқиқоти мазкур ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия, ки бо Қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, мувофиқат намуда, муаллифи он Қурбонализода Фурқат бошад, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждани̅; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 74-75-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ гардидааст ва банди 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ

(дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ гардидааст, омода ва пешниҳод шудааст.

**Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессори кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ,**
**молиявӣ ва зиддикоррупсионии**
**факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии**
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди**
**Тоҷикистон, Арбоби илм ва**
**техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Исмаилов Ш.М.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14; тел: (+992 237) 231-08-37, 231-02-01 E-mail: tgfeu@ tgfeu.tj

**Имзои Ш.М. Исмаиловро**
**тасдиқ мекунам.**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва**
**корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии молия**
**ва иқтисоди Тоҷикистон** **Раҷабов Б.С.**